**Тақриз**

**ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ)**

Автореферати тақризшаванда собит менамояд, ки таҳқиқоти диссертасионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” хеле муҳим ва мубрам буда, масоили таъсис ва ташаккули театрҳои касбии вилояти Хатлонро дар замони шуравӣ ва бозсозию пешрафти минбаъдаи онҳоро дар даврони истиқлол инъикос менамояд.

Мувофиқи мазмуни автореферат ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертасионӣ омӯзиши маҷмӯии таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон ва муайян намудани хусусиятҳои вазифавии онҳо дар солҳои истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Унвонҷӯ бо мақсади муайян кардан дараҷаи омӯзиши мавзуъ теъдоди зиёди асарҳои нашргардидаро дақиқона мавриди таҳлил қарор додааст. Хулосаи унвонҷӯ дар мавриди он, ки таҳқиқоти мазкур кӯшиши аввалин дар самти омӯзишу баррасии театрҳои касбии вилояти Хатлон маҳсуб меёбад, боиси дастгирист.

Муаллиф бо таври возеҳ мақсад, вазифа ва доираи хронологии таҳқиқотро муайян намуда, дар асоси маводи нашршудаи ҳуҷҷатӣ масъалаҳои асосии мавзуъро инъикос менамояд.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертасияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба

таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI, бахусус ба таърихи театрҳои касбӣ бахшида шудаанд, маҳсуб меёбанд.

Диссертасия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби якуми диссертасия - “Вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол” ба масъалаҳои таъсисёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони шуравӣ ва рушду пешрафти онҳо дар даврони соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки дар маводҳои бойгонӣ ва адабиёти илмӣ ҳадалимкон инъикос гардидаанд, бахшида шудааст.

Масоили сиёсати фарҳангии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ, фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар ибтидои асри XXI, инчунин масъалаи ширкати театрҳои касбии вилоят дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ, дар маҷмуъ рушду нумуи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар ибтидои асри XXI дар боби дуюми диссертасия – “Инкишофи минбаъдаи театрҳои касбии вилоят» мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Тақризи мазкурро ҷамъбаст намуда, бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертасияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта мебошад.

Диссертасияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихону фарҳангшиносон ва санъатшиносон ҷиҳати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва услубҳои тадқиқоти хеш, ки ба ҷанбаҳои гуногуни таърихи

Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудаанд кӯмаки воқеӣ расонанд.

Умуман, автореферат ва мақолаҳои нашршудаи унвонҷӯ мазмуни асосии диссертасияро инъикос менамоянд.

Рисолаи диссертасионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” ба талаботи пешниҳодкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертасияҳои номзадӣ тибқи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Ноиби ректор оид ба таълими**
**Донишкадаи исломии Тоҷикистон**
**ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа**
**Нуъмон ибни Собит, доктори**
**илмҳои таърих, профессор** **Қурбонов Бахром Раҳмонович**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи Шодмонӣ 58/1. Тел: (+992 37) 224-13-79, 934 44 41 52.

**Имзои Б. Р. Қурбоновро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти**
**ҳуқуқӣ ва коргӯзории МДТ “ДИТ**
**ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа**
**Нуъмон ибни Собит** **Ҷомадов Х. А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

28.08.24